**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи: “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи илмии Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович аз он бармеояд, ки ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат тақозои он аст, ки бо сифати баланд ва истифодаи босамари иқтидори инсонӣ, инчунин роҳҳои ҳалли масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ дар низоми навини хоҷагидорӣ мутобиқ гардонида шавад. Дар низоми навини хоҷагидорӣ, фаъолияти самаранок идоракунӣ ва такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ, метавонад симои бисёр равандҳои муосири иҷтимоию иқтисодиро ташаккул дода, боиси ноилгардӣ ба дигар ҳадафҳои дурнамои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар оварда расонад.

Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович 2-юми ноябри соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Оиладор ва соҳиби се фарзанд аст. Соли 2015 бо тариқи Маркази миллии тестӣ ба факултети Иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетинг (ҳоло факултети Менеҷмент ва маркетинги байналмилали)-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 1-25010301 “Иқтисодиёти ҷаҳонӣ” бо дипломи аъло (дараҷаи бакалавриро) хатм намудааст. Баъд аз хатми донишгоҳ ҳамон сол ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2021-ум муассисаи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси 1-25010301 “Иқтисодиёти ҷаҳонӣ” хатм кардааст. Солҳои 2021-2024 ба сифати доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, дар ин давра диссертатсияи илмии худро дар

мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат” таҳқиқ намуда ба анҷом расонид.

Азимов Н.Ҳ. фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2021 ҳамчун дар ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оғоз намудааст. Дар ин муҳлат докторанти фалсафа (PhD) ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, инчунин дар семинарҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар давраи таҳқиқот Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович имтиҳони комплексиро бо муваффақият супорида, ҳамзамон 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмиии тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва 1 зербанд дар монографияи коллективӣ нашр намудааст. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 5,67 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Азимов Наимҷон ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои илмии таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастомада ва аз таҳлилҳои диссертатсия бар меояд, ки масъалаҳои анҷомдодашуда дар самти асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат дар чорчӯбаи талаботҳои муосир ва раванди ташаккул, инчунин рушди иқтисодиёти креативӣ-инноватсионии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифта шудаанд, ки аҳамияти баланди илмӣ-амалӣ дошта, мубрамияти таҳқиқоти илмиро тасдиқ менамояд.

Кори диссертатсионии Азимов Н.Ҳ. аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, замима, рӯйхати адабиёти истифодашуда, иборат аст. Кор дар 184 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 24 ҷадвал, 17 расмро фаро мегирад, иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок шуда, дараҷаи инкишофи он дар адабиёти илмӣ нишон дода шуда, сатҳи таҳқиқоти

илмии он, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, муқаррароти ҳимояшаванда, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ инъикос шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия **“Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ”** - асосҳои консептуалии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосир, ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, инчунин хусусиятҳо ва масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар иқтисодиёт мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба **“Таҳлил ва баҳодиҳии ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”** - таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, арзёбии сатҳи рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, инчунин таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат бахшида шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **“Роҳҳои асосии такмилдиҳии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёт”** - рушди сармояи инсонӣ ва ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун омили навкунии иқтисодиёт, таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба рушди рақобатпазирии иқтидори меҳнатӣ ва такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ баррасӣ ва таҳия гардидааст.

Дар хулоса натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудаанд.

Дар ин раванд Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович маҷмӯи маълумоти омориро доир ба фаъолияти иқтидори креативии қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва коркард кардааст. Ин имконият дод, ки муаллиф таҳқиқоти илмии ба таҳлил такядоштаро анҷом намояд ва барои ҳимоя дар

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия кунад.

Азимов Наимҷон ба эроду тавсияҳо нисбати сохтору мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) бодиққат буд, кӯшиши амиқтар дида баромадани мавзуи таҳқиқотро таъмин менамуд. Аз ин ҷост, ки докторанти фалсафа (PhD) тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффақ шавад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати мантиқӣ хуб анҷомёфта буда, дорои коркардҳои нав доир ба рушди иқтидори креативии қувваи корӣ мебошад.

Диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат" ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор мудири кафедраи "Назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушд"-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Усманова Т.Ҷ.

**Суроға:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н. Қаробоев 63/3;
Тел: (+992) 904 88 69 31
E-mail: tufa1953@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ.– ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А.Ҷ.

"02" 12 2025